**Протоколи №19**

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**

аз 24 июни соли 2025

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

**Раиси шуро:** Шарифзода Фарангис Худой

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.07.2024, №196/шд тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба экспертизаи авввалия қабул намудани диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи "Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ).

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсионӣ Шарифзода Ф.Х., котиби илми шуро Аҳмадзода Р. А. ва аъзои шурои диссертатсионӣ Нуров П. ва Восиева Р.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи "Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва

яғнобӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои филологӣ Назарзода С. - раис;
- доктори илмҳои филологӣ Раҳматуллозода С. - аъзо;
- доктори илмҳои филологӣ Нуров П. - аъзо;

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Аҳмадзода Р. А.